Тасдиқ шудааст
бо фармоиши Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «13» 02 соли 2014, №24

Мувофиқа шуд
Директор Агентии омори назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ Ҳасанова Г.К

аз «12» 02 соли 2014, №61-12

**Меъёрҳои ягонаи ҳисоб намудани истеҳлоки (хӯрдашавии) воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нақшаи воситаҳои асосие, ки ба гурӯҳҳои истеҳлокӣ дохил мегарданд**

Воситаҳои асосӣ (объектҳои ғайриманкул, биноҳо ва таҷҳизотҳо) мавриди истифодаи дуру дароз бо мурури замон фарсуда мегарданд. Фарсудашавӣ ин ҷараёни талафёбии хусусиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии воситаҳои асосӣ мебошад.

Фарсудашавии ҷисмонӣ дар натиҷаи истифодаи дуру дарози объектҳои ғайриманқул, биноҳо ва таҷҳизотҳо ва таъсири омилҳои берунӣ ба амал меояд.

Фарсудашавии маънавӣ ин ҷараёне мебошад, ки тавассути рушди илм ва техника воситаҳои асосӣ тез-тез такмил ёфта, воситаҳои асосии қаблӣ ба талаботи замон мутобиқат намекунанд.

Истеҳлок-ин раванди объективии иқтисодии тадриҷан подоши арзиши воситаҳои асосӣ дар давраи истифодаи онҳо дар истеҳсолот, бо мақсади азнавкунӣ то давраи ба охир расидани мӯҳлати истифодаи онҳо мебошад, ки аз фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии объект вобастагӣ дорад.

Дар ҳуҷҷати мазкур инчунин Нақшаи воситаҳои асосӣ бо гурӯҳҳои истеҳлокӣ нишон дода шудааст, ки маълумотҳои он дар ҳолате, ки корхона барои муқаррар намудани мӯҳлати муфиди истифодабарии воситаи асосӣ аз ҳуҷҷатҳои техникии доровӣ (шиноснома, нишондод, дастурамал оиди истифодабарӣ ва ғ. ҳ.) асос надошта бошад, истифода мегарданд (замимаи 2).

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
РАМЗИ № 734
«30» 04 с.20 14